# ҚАРОРИ
# РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 25 апрели соли 2019, протоколи №4 ш.Душанбе

Оид ба унвонҳои илмӣ

Дар асоси банди 119 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505) Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**қарор мекунад:**

1. Талабот нисбат ба додани унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) пурзӯр карда шавад ва таълифоте бештар ба эътибор гирифта шавад, ки сирфан ба раванди таълим дахл дорад.
2. Минбаъд аз ду маводи таълимӣ ва таълимӣ-методии пешниҳодшаванда барои дарёфти унвони илмии дотсент, ақаллан яктои он ва аз се маводи таълимӣ ва таълимӣ-методии пешниҳодшаванда барои дарёфти унвони илмии профессор, ақаллан дутоаш дар алоҳидагӣ (беҳаммуаллифӣ) ба нашр расида бошад. Зимнан, маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасида бояд дар солҳои гуногун нашр шуда бошанд.

Раиси Раёсати Комиссия А.Розиқзода

И.в.котиби илмии Раёсат Ш.Базаров